**Суратҷаласаи №10**
ҷаласаи васеи шӯрои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
аз 21 октябри соли 2021

Иштирок карданд: ҷамъ 28 нафар - аъзои шӯрои олимони факултет, кафедраҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи умумидонишгоҳӣ

РӮЗНОМА

1. Муҳокимаи рисолаи номзадии ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ Дилафрӯз Раҷабзода дар мавзуи «Хусусиятҳои анъанаи тайёр намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи он дар замони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.
2. Масъалаҳои ҷорӣ.

ШУНИДА ШУД:

Ҷаласаи васеи шӯрои олимонро раиси шӯрои олимони факултети омӯзгорӣ в фарҳанги ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бозоров Х. оғоз намуд. Сараввал ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шунос намуда, иброз намуданд, ки диссертатсияи Дилафрӯз Раҷабзода “Хусусиятҳои анъанаи омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи он дар замони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Дилафрӯз Раҷабзода соли 2011 факултети омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намудааст. Дар давоми омодасозии диссертатсия Дилафрӯз Раҷабзода аз соли 2013 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият менамояд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳони номзадӣ аз таърих ва фалсафаи илм 19 майи соли 2017 таҳти №7 ва аз фанни забони англисӣ 20 майи соли 2017 таҳти №9 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров 16; Тел.: (+992) 8-33-22-2-35-06 E-mail: noib.ilm@kgu.tj) дода шудааст.

Роҳбари илмии Дилафрӯз Раҷабзода – Иброҳимов Грез, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Баъдан сухан ба аспирант Дилафрӯз Раҷабзода доир ба муҳтавои асосии диссертатсия дода шуд.

Дилафрӯз Раҷабзода доир ба муҳтавои асосии рисолаи номзадиаш ба ҳозирин маълумот дод. Аз ҷумла дар рафти баромад иброз намуд, ки дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеа, ҷаҳонишавии арзишҳо, буҳрони фарҳангиву иқтисодӣ дар тамоми мамлакатҳо, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор кардани иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коҳиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар оила ва оиладорӣ, равандҳои мураккабтарини таназзули тарзи ҳаёти оилавӣ, коҳишёбии мақоми оила, зарурати доштани кӯдак, афзоиши талоқу ҷудошавии оилаҳо, зӯроварӣ дар оила, афзоиши аҳолӣ, ворид намудани арзишҳои тамаддуни бегона дар низоми оила ва оиладорӣ, масъалаи омили инсонӣ, мустаҳкам кардани оила, эҳёи анъана ва урфу одатҳои миллӣ ва дигар мушкилоту масъалаҳои мубрам, муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти илмии муҳаққиқро муайян менамояд.

Бо дарназардошти раванди навсозии ҷомеа ва мухолифати ҳаёти маънавии халқ талабот ба арзёбии фарҳангҳои миллӣ, анъана ва расму оинҳо, зарурияти эҳё ва ба назаргирии анъанаҳо ва урфу одатҳо барои ҳалли масъалаҳои мураккаб дар муносибатҳои оиладорӣ-никоҳӣ, дар тайёрии ҷавонон ба ҳаёти оилавиро пайдо намуд. Илова бар ин, истифодаи анъанаҳои миллӣ дар корҳои идеологӣ ва таълимӣ, меҳнатӣ ва оиладорӣ, ки дар рафти бунёди зиндагии нав таҳия карда мешаванд, зарурияти худро тақозо дорад. Ин амал таҳлили амиқ ва фаҳмиши назариявии нақш ва аҳамияти анъанаҳо ва урфу одатҳоро дар ташаккули насли наврас талаб мекунад. Масъалаҳои маърифати оиладорӣ ва беҳтар намудани шароитҳои таълиму тарбияи фарзанд ва тайёрии онҳо ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва кулли аъзои ҷомеаро ба худ чалб кардааст.

Дар кори диссертатсионӣ махсус қайд шудааст, ки муҳиммияти падидаи оила дар ташаккул ва рушди давлату давлатдорӣ, дар ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, таҳкими асосҳои ташаккули оила ва оиладорӣ, бо назардошти арзишҳои фарҳанги миллӣ, анъана ва урфу одатҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар ин самт мебошад ва аз ҷониби давлату ҳукумат корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Президенти мамлакат, бо дарназардошти аҳамияти масъала соли 2015-ро - Соли оила эълон кард, ки ҳадафи он баланд бардоштани нақши оила

дар ҷомеа, рушди фарҳанги муносибатҳои оилавӣ, инчунин нигоҳдории он ҳамчун арзиши доимии фарҳанги миллӣ мебошад. Аммо яке аз мушкилоти ҷойдошта дар замони ҳозира ин проблемаи барҳамхурии оилаҳо мебошад, ки сол аз сол тамоюл ба зиёдшавӣ дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин падидаи номатлуб дар соли 2010 дар 5818 ҳолатҳо, дар соли 2011 дар 6797 ҳолатҳо, дар соли 2012 дар 7608 ҳолатҳо, дар соли 2013 дар 8919 ҳолатҳо, дар соли 2014 дар 9132 ҳолатҳо ба назар расидааст. Бино ба маълумоти расмӣ, аҳолии кишвар беш аз 9 миллион нафарро ташкил медиҳад, ки 45%-и онро кӯдакони синни то 18-сола ташкил медиҳанд. Ҳарсола дар кишвар 2,5-3 ҳазор кӯдакони маъюб ба қайд гирифта мешаванд ва шумораи онҳо ба 1 январи соли 2015 - 26043 нафарро, ё 0,8% аз шумораи умумии кӯдакони синни то 18 - соларо ташкил медиҳад. Мувофиқи хулосаи коршиносон дар 30-35% -и ҳолатҳо, сабаби таваллуди кӯдакони маъюб ин никоҳи хешутаборӣ мебошад.

Заминаи методологии таҳқиқотро таълимоти файласуфон, бостоншиносон, равоншиносон ва педагогон дар бораи оила ва нақши он дар ҷомеа, анъанаҳо ва урфу одатҳо дар тайёрии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, нақш ва мақоми онҳо дар тайёрии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ақидаҳои таърихии рушди муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ва оилавӣ-моддӣ, асарҳои мутафаккирони классикии форсу-тоҷик бахшида ба оила ва оиладорӣ, тарбия ва тайёрии фарзандон ва насли наврас ба ҳаёти оилавӣ, асарҳои муосири олимону таҳқиқотчиёни ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами алоқаи байниҳамии оила, мактаб ва ҷомеа дар таълиму тарбия ва омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, қонуну консепсияҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунанд.

Мақсади таҳқиқот – таҳлили илмию педагогии шаклу усулҳои самарабахши омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳои миллии оиладорӣ.

Объекти таҳқиқот – анъана ва урфу одатҳои миллии оиладорӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ.

Предмети таҳқиқот – истифодаи роҳу усулҳои самараноки анъанаҳои миллии оиладории тоҷик дар ҷараёни омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар замони муосир.

Фарзияи таҳқиқот: омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳои оиладорӣ ба шарте дуруст ба роҳ монда мешавад, ки агар:

- дар тарбияи оилавӣ зимни омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ анъанаҳои миллии оиладорӣ ба назар гирифта шаванд;

- дар тарбияи оилавӣ падарону модарон ба анъанаҳои миллии омода намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ такя кунанд;
- педагогикаи оиладории халқи тоҷик, ки имконияту мазмуни ғанӣ дорад, дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ истифода бурда шавад;
- таҳқиқ ва омӯзиши анъана ва урфу одатҳои миллии оиладории халқи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар заминаи анъанаҳои пешқадам ва мусбат, ки аҳамияти педагогӣ ва назариявию амалии такмили низоми таълиму тарбияро дар оила, муассисаи таълимӣ ва дигар институтҳои оила доро мебошанд, ба назар гирифта шавад;
- омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳои миллии оиладорӣ ва зимни таъмини алоқаи зичи оила, мактаб ва ҷамъият ба роҳ монда шавад.

Вобаста ба мақсад ва фарзияи илмии пешниҳодшуда вазифаҳои зерини таҳқиқот гузошта шудаанд:

1. Омӯзиш ва таҳлили таърихи пайдоиш ва ташаккули анъанаҳо ва урфу одатҳои миллии халқи тоҷик дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ;
2. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ муайян намудани хусусиятҳои анъанаи омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ бо мақсади истифодаи самаранокии ин хусусиятҳо;
3. Ошкор ва муайян намудани аҳамияти педагогии анъана ва урфу одатҳои миллӣ дар омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳайёти оилавӣ;
4. Ташкили ташхиси озмоишию таҷрибавии тарзу усулҳои омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъанаҳо ва урфу одатҳои миллии оиладорӣ;
5. Таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба истифодаи анъанаҳо ва урфу одатҳо ҷиҳати омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва истифодаи амалии онҳо.

Дар охир довталаб Дилафрӯз Раҷабзода хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониашро ба самъи иштирокдорони ҷаласа манзур кард.

Баъд ба довталаб дар доираи мавзӯи таҳқиқотӣ якчанд саволҳо дода шуда, муҳаққиқ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъд аз саволу ҷавоб муқарризони холиси таҳқиқоти диссертатсионӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова М. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Исоева Д. баромад намуда, аз ҷумла қайд карданд, ки унвонҷӯ масъалаи мубрам ва муҳимро барои таҳқиқ

интихоб карда, дар ҳалли вазифа ва мақсадҳои гузошташуда комёб шудааст, аз методҳои зиёди таҳқиқотӣ ва принсипу усулҳои умумиилмӣ, аз қабили принсипҳои мунтазам, маҷмӯӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, инчунин усулҳои илмӣ, ба мисли таҳлил, синтез, индуксия, тарҳ ва ғ. васеъ истифода кардааст.

Довталаб дар раванди таҳқиқот аз асарҳои зиёди илмӣ истифода намуда, онро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тасаввуротҳои илмӣ оид ба масъалаи анъанаҳои мардумии оиладорӣ васеъ гашта, таъсири анъана ва урфу одатҳои оиладории миллӣ ба омодасозии самараноки ҷавонон, алалхусус хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат намуда, рушди минбаъдаи назария ва амалияи ин масъала асос гузошта, ба таҳкими минбаъдаи анъана ва урфу одатҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар заминаи таҷрибаи оиладорӣ, мактаб ва дигар институтҳои оила ба роҳ монда шавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо омӯзишу таҳкими анъанаҳои оиладорӣ ва бо истифодаи таҷрибаи пешқадами оилаи тоҷик дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, пешниҳоди фарзияҳо ва тавсияҳои илмӣ оид ба омода намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъана ва урфу одатҳои оиладорӣ муайян карда мешавад.

Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо падарону модарон, мураббиён, омӯзгорон, донишҷӯён, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва институтҳои оила истифода бурда метавонанд. Инчунин донишҷӯёну муҳаққиқон зимни эҷоди корҳои илмӣ, навиштани корҳои дипломӣ, таҳияи реферат ва корҳои курсӣ метавонанд аз ин натиҷаҳо ба таври самаранок истифода баранд. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо барои донишомӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу литсейҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии падарону модарон вобаста ба масъалаҳои омода намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос, дар таҳсилоти баъдидипломии хатмкунандагони донишгоҳу донишкадаҳо, унвонҷӯёну аспирантон ва дигар кормандони соҳаи илм, ки ба ин мавзӯъ сарукор доранд, фаровон истифода бурдан мумкин аст.

Унвонҷӯ дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба чунин навгониҳои илмӣ комёб шудааст шудааст:

- шароитҳои таърихию педагогии мушкилоти ба ҳаёти оилавӣ омода сохтани ҷавонон дар оилаи тоҷик назариявӣ муайян карда шуд;

- мазмуну мундариҷаи анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ошкор ва муайян карда шуд;

- нақши анъана ва урфу одатҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар муносибат бо арзишҳои миллӣ нишон дода шуда, дар ин замина мақоми анъанаҳои миллӣ, урфу одат ва расму оини оиладорӣ дар ташаккули шахсият ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ инъикос гардиданд;

- имкониятҳои иҷтимоию педагогии оилаи имрӯзаи тоҷик, зарурат ва истифодаи анъанаҳои оиладорӣ дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, имконият ва аҳамияти ин анъанаҳо ошкор ва муайян карда шудаанд;

- алоқаи зичи анъанаҳои миллии оиладорӣ, ҳамкории падару модарон бо фарзандон дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи давлат илман асоснок намуда шуд;

- истифодаи маҷмӯаи хусусиятҳои анъанаҳои миллии оиладорӣ дар ҷараёни корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ дар мактаб, инчунин ҳамкории мактаб, оила ва ҷамъият дар омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ дар замони муосир дар шакли корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ ба амал оварда шуд.

Муқарризон аз он ҷумла иброз намуданд, ки муҳтавои асосии кори диссертатсионии аспирант дар 9 номгӯй таълифоти муаллиф дар шакли мақола ва маводи дигари илмӣ, маъруза дар конференсияҳои илмию амалӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 7 номгӯи мақолаҳои зерини муаллиф дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, дастгоҳи илмӣ, сохтор ва муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, мумкин аст онро ба ҳимоя пешниҳод кард.

Сипас баромади довталаб Дилафрӯз Раҷабзода дар мавзӯи «Хусусиятҳои анъанаи тайёр намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи он дар замони муосир» аз ҷониби аъзоёни ҷаласа мавриди муҳокима қарор гирифт.

Иштирокчиёни ҷаласа Лоиқов П., Изатуллоев К., Расулов Д., Акбарова М.Н. ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуданд ва дар маҷмуъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд.

Дар фарҷоми муҳокима бо дарназардошти пешниҳодоти иштирокчиён аз ҷониби аъзоёни ҷаласа,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Дилафрӯз Раҷабзода дар мавзӯи «Хусусиятҳои анъанаи тайёр намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ ва татбиқи он дар замони муосир» таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи шӯрои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 25 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-25 нафар, “муқобил”-нест, протоколи №10 аз 21 октябри соли 2021. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент, раиси шӯрои олимони
факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Бозоров Хушвахт

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова Муҳаббат
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Исоева Дилором

Котиби ҷаласа, котиби илмии шӯрои
олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ,
ассистенти кафедра Насибаи Сайҳомид

21 октябри соли 2021

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, куч. С. Сафаров, 16; Тел. (+992 8 33 22) 2-35-07 E-mail: info@kgu.tj

*Имзоҳои Бозоров Хушвахт ва Насибаи Сайҳомидро тасдиқ менамоям.*

Сардори РК ва КМ ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС